«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мӯминзода Ш.А.

«_22_» __06__ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Диссертатсияи унвонҷӯ Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатшои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Унвонҷӯ Латифова Насиба Мирзоёқубовна соли 1985 таваллуд шуда, соли 2007 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси муаллими таърих хатм намудааст. Солҳои 2007-2007 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси муаллими Муассисаи таълимии умумии №14 ш. Бӯстон оғоз намуда, солҳои 2011-2014 ба ҳайси муаллими Муассисаи таълимии умумии №16 ш. Бӯстон, солҳои 2011-2017 ба ҳайси омӯзгори коллеҷи ш. Бӯстон солҳои 2020-2023 ба ҳайси мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва тахассусии коллеҷи ш. Бӯстон, солҳои 2023-2024 аз вазифаи мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва тахассусии коллеҷи ш. Бӯстон озод карда шуда, аз моҳи марти соли 2024 дар вазифаи мудири кафедраи табиӣ-риёзӣ коллеҷи ш. Бӯстон, ҳамчунин унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун фаъолият дорад.

Тибқи шаҳодатномаҳои № 290 аз 24.06.2022 аз фанни забони англисӣ № 208 аз 26.01.2024 аз фанни таърих ва фалсафаи илм ва мутобиқи шаҳодатномаҳои № 76 аз 18.06.2025 имтиҳони минимуми номзадиро аз таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Фурқат Муқим таъин шудааст.

Диссертатсияи Латифова Н.М. 20 июни соли 2025 дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар муҳокима иштирок доштанд: мудири кафедра, номзади илмҳои таърих, дотсент Ҳамидова М.М., Ғаффорӣ Н.У. – мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М. – доктори илмҳои таърих, профессор, профессор, Абдуқодиров А.А. – номзади илмҳои таърих, дотсент, Нурмаҳмадов Ю.Ш. – номзади илмҳои филология, дотсент, Умарова М.С. – номзади илмҳои таърих, дотсент, Файзуллоева М. – номзади илмҳои таърих, дотсент, Баҳодурова Ф.Ш. – номзади илмҳои таърих, муаллими калон, Олимов Д.Р. – муаллими калон, Қаҳоров У.А. – муаллими калон, Мансурова М. А. – муаллими калон, Ҷӯраев М.М. – ассистент, Баҳодурова Ф.Ю. – ассистент, Дӯсматова М.Т. – коргузори кафедра, инчунин инчунин аъзои Шурой диссертатсионии 60. КОА-082-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” н.и.т., дотсент Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич ва мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент Мирзоев Ғолибшо иштирок намуданд. Ба диссертатсия аз ҷониби мукарризон бахои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии химоя тавсия карда шудааст.

**Оид ба натичаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таърихи Шохрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик» чунин хулоса кабул карда шуд:**

Диссертатсия ба мавзуи «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд, мусалламан дорои низоми хоси давлатдорӣ буд. Ин мавзуъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон ихтисос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тариқи маҷмуӣ масъалаи мазкур, таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат, дар ин диссертатсия масоили омӯзиши таърихи халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд, дар заминаи ин сарчашма, ки замони ҳукмронии хонадони мингҳоро аз замони ҳукмронии асосгузори он – Шохрухбӣ то аҳди амир Худоёрхон (1845-1876) асари Муллониёзи Қуқандӣ ба шумор меравад, ки дар диссертатсияи мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аз ҳар ҷиҳат аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро** омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ташкил дода, дар доираи расидан ба ин ҳадаф якчанд масъалаҳои мубрам мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзуи таҳқиқот;
- таҳлил ва баррасии таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар заминаи «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ;

- инъикос намудани фаъолияти ҳукуматдорони Хонигарии Қӯқанд дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ аз рӯи асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ;

- ҳангоми таълифи рисола ба таври васеъ истифода бурдани сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

- равшанӣ андохтан ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дипломатии нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва ғайра.

Дар доираи ин барррасӣ ҷараёнҳои сиёсӣ, таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот омӯзиши** «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқотро** усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳанд. Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ-сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар асарҳои худ истифода кардаанд, истифода гардидааст. Дар диссертатсияи мазкур, инчунин бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаву ҳодисаҳое, ки дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ нишон дода, ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ин минтақа мавриди баррасӣ шудаанд.

Дар диссертатсия ҳамчун сарчашма асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ, осори таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи давраҳои мухталифи давлатдории Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX бахшида шудаанд, мавриди истифодаи ҳаматарафа қарор дода шудааст.

Яке аз манбаъҳои муҳиме, ки ба ҷараёни тадқиқоти мазкур ҷалб гардидааст, таърихи таълифи асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ, мазмун ва муҳтавои асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ ва ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Дар диссертатсия аз рӯи асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва минтиқа, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ин масъалаҳо дар осори таърихнигорони маҳаллӣ, олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа, яъне сарчашмаҳои таърихие, ки дар давраи мазкур офарида шуда, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Қӯқандро дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX мавриди омӯзиш қарор доданд қайд шуда, барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик маъхази хеле муфид шуда метавонанд. Дар мавзуи мавриди таҳқиқ аз осори таърихнигорон ба монанди, Хӯҷамқулибек Балхӣ, Мирзоолим Мушриф, Худоёрхонзода, Ибрат, Мирзо Шамс Бухорӣ истифода бурда шуд. Дар байни маъхазхои хаттие, ки ба мо расидаанд, асари Махмуд Ҳаким Сайфони ибни Домулло Шодӣ Муҳаммади Фарғонӣ «Хуллас ат-таворих» ҷоиз ба таваҷҷуҳи бештар аст. Дигар маъхазе, ки инъикоси таърихи Хонигарии Қӯқандро дар бар мегирад, «Хулосат-ул-аҳвол» («Хулосаи ҳолатҳои ҳаёт») мебошад, ки солҳои 1282/1865 дар Тошканд таълиф шудааст. Муаллифи он Абу-Убайдуллоҳ Муҳаммад ибни Султонхоҷа, маъруф ба Эшонхоҷа Қории Тошкандӣ мебошад. Маъхаз бо номи «Зафарномаи Худоёрхонӣ»-и Абдулғафурбия маъмуд буда, ба рӯйдодҳои марбут ба озод шудани Худоёрхон аз тобеияти қипчоқҳо ва намояндаи онҳо Муслиммонқули Қипчоқ бахшида шудааст. «Таворихи манзума» («Маҷмуаи хронограммаҳо»)-и Имом Алӣ қори Қундузи-Комӣ, ки дар Қундуз (Афғонистон) ба дунё омадааст, солҳои 1824-25 дар Кошғар зиндагӣ кардааст ва солҳои 1828-1830 дар Бухоро бо фармони амир Насрулло очерки «Дураҷ-ат-тоҷ» («Тоҷи

гарданбанд»)-ро таҳрир мекунад. Асари «Ҷангномаи Худоёрхон» («Китоби ҷангҳои Худоёрхон»)-и Мулло Шамсӣ (Шавқӣ) аз деҳаи Калваки вилояти Намангон соли 1853 навишта шуда, ба муборизаи Худоёрхон ва ҷонибдорони ӯ бар зидди қипчоқҳо бахшида шудааст. Дар сарчашмаҳои русӣ баъзе масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, ҳолати ҷуғрофӣ ва иқтисодии Хонигарии Қӯқанд баён карда мешавад.

Ба коркарди таърихи омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ Б.В. Лунин машғул гардидааст. Вай таърихи кашф, интишор, тарҷума ва омӯзиши онро аз ҷониби Н.Н.Пантусов ва В.В.Бартольд ҳамчун сарчашмаи таърихии чоряки охири асри XIX нишон дода, инчунин аҳаммияти нашри онро барои рушди шарқшиносӣ қайд кардааст. Б.В.Лунин дар таҳқиқоташ таърихи фақат қадамҳои аввалини омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро тавсиф кардааст. Минбаъд, масъалаи омӯзиши ин асар дар охири асри XIX ва дигар шарқшиносон, ки адабиёти асри XX меомӯзанд,ба назар гирифта нашудааст.

Умуман, бозёфти «Таърихи Шоҳрухӣ» соли 1876 ба вуқӯъ пайваста, онро Н.Н.Пантусов дар Қӯқанд ёфтааст ва Г.А.Колпаковский ду нусхаи асари номаълуми таърихиро ба даст овардааст. Ин ду дастнависи «Таърихи Шоҳрухӣ» буданд. Яке аз онҳо шакли номукаммал дошт, аллакай дар охири солҳои 70-уми асри XIX мавҷудияти асари мазкур ба шарқшиносони Аврупои Ғарбӣ маълум гардид ва дар он доир ба масъалаҳои мазкур маълумоти муҳим инъикос ёфтаанд, ки барои пажӯҳандагон ҳамчун арзишҳои муҳими таърихӣ хизмат мекунанд.

Аз назари унвонҷӯ, дар баробари ин, масъалаи ҳаёти тоҷикон, ҳаёти сиёсӣ, моддӣ-маишии онҳо ҳам омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин муаммо низ муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои таҳқиқнашуда, алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ таҳқиқотии кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии

ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи «Таърихнигории таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз давраи бостон то замони муосир» барои солҳои 2021-2025 ба иҷро расидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ, яъне «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ доир ба ҳаёти сиёсии Хонигии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX, масъалаи салтанати Шоҳруххон ва ташаккулёбии Хонигарии Қӯқанд, вазъи сиёсии Хонигии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII дар аввали асри XIX фикр ва мулоҳизаҳо баён гардида, мақом ва иштироки халқи тоҷик дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудаанд. Дар диссертатсия, бо истифода аз маълумот ва таҳқиқоти асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ, инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX, вазъи иҷтимоию иқтисодии Хонигарии Қӯқанд омӯхта шудааст. Бори аввал ба шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона, аз ҷумла инъикоси ҳайати этникии Хонигарии Қуқанд, дар «Таърихи Шоҳрухӣ» – и Муллониёзи Қуқандӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия дорои аҳаммияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи халқи тоҷик, ҳаёти сиёсии Хонигарии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда, аз натиҷа ва хулосаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани диссертатсия ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ ба таври васеъ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** дар дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин инъикос ва тарзи истифодабарии маводи бойгонӣ зоҳир мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи байналхалқӣ, ҷумҳуриявию донишгоҳӣ, натиҷаю хулосаҳои он ҷиҳати бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба магистрантон, унвонҷӯён, аспирантон кӯмак хоҳанд расонд. Ҳамчунин, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи асарҳои ҷудогонаву маҷмуӣ оид ба таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои таърихи халқи тоҷик, сарчашмашиносӣ, ҷуғрофияи таърихӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои гуманитарӣ, метавон истифода намуд.

Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки

занон имрӯз ҳам дар рушди давлатдории навин нақши ҳалкунанда мебозанд.

Диссертатсияи Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи “Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи “Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Латифова Н.М. Аз таърихи омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад Ҳуқандӣ // Ахбори ДДҲБСТ, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – №4(101) . – Хуҷанд: «Дабир», 2024. – ISSN: 3005– 849X. – С. 20-29.

2. Латифова Н.М. Заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккулли таърихнигорӣ дар хонигарии Қӯқанд // маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.– № 1 (82).– Хуҷанд 2025. – ISSN 2077– 4990. – С. 59-63.

3. Латифова Н.М. «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ ҳамчун маъхази арзишманд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик // Паёми

донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2025. – № 1 (114). – ISSN 2219–5408. – С. 293-300.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Чанд сухан аз таърихи асари Мулло Ниёз Муҳаммад Ҳуқандӣ – «Таърихи Шоҳрухӣ»/ Латифова Н.М., Хомидзода Ф.М., //Маводи конференсияи илмӣ– назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 100– солагии ҶМШС Тоҷикистон, АМИТ, Душанбе:, 2024.
2. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи – Таърихи Шохрухӣ‖ Мулло Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ / Латифова Н.М., Ҳомидзода Ф.М., //Маводи конференсияи илмии байналмилалии "Муаммоҳои илму фан аз нигоҳи муҳаққиқон", "Ilm– Fan muammolari adqiqotchilar talqinida" mavzusidagi xalqaro ilmiy konferensiya materiallari to„plami, 25.05.2024, Масъалаҳои фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, Ijtimoiy-gumanitar fanlarning uammolari, Xojand, Fargona, 2024. – С. 415– 419.
3. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ»/Латифова Н.М. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бахшида ба амалишавии «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023– 2037» ва Рӯзи илми тоҷик, таҳти унвони Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон 23 апрели соли 2025, бахши 2. – Хуҷанд: Дабир, 2025. – С. 311-320.
4. Исследование северных районов Таджикистана в исторических источниках / Латипова Н.М., Хомидзода Ф. М., // Сборник научных статей по итогам работы Межвузовского международного конгресса «Высшая школа: научные исследования» в 2025 год. (г. Москва, 26 июня 2025 г.). – Москва: Издательство Инфинити, 2025. – Стр. 59-64. DOI 10.34660/conf.2025.84.88.073

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи "Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи "Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик" барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯй ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 20 июни соли 2025 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърих ва**
**диншиносии ДДҲБСТ, н.и.т., дотсент: Ҳамидова М.М.**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.т., дотсент: Абдуқодиров А.А.**

**Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ, н.и.т., дотсент Ҳамидова М.М., н.и.т., дотсент Абдуқодиров А.А. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ: Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru